Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар солҳои охир доираи мавзуъҳои забоншиносии муқоисавӣ васеъ мегардад ва баррасии масъалаҳои тарҷумаи воҳидҳои забон бо таваҷҷуҳ ба хусусияти матнҳои махсус, алахусус, дискурси сиёсӣ, яке аз самтҳои нав ва аҳамиятнок маҳсуб меёбад. Ғайр аз ин, таҳқиқи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои забон дар замони муосир вусъати тоза пайдо карда, дар шароити навини муносибатҳои мустақими Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои гуногун, махсусан, кишварҳои англисзабон, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ зарурати таъмини забонии ин равандҳоро собит месозад.

Объекти таҳқикро воҳидҳои луғавӣ ва дастурии хоси дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки тарзу воситаҳои хоси таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ метавонанд дар раванди омӯзиши бахши луғат ва дастури забонҳо ҳамчун маводи муфиди илмӣ-амалӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия ба танзими забони дискурси сиёсии забони тоҷикӣ аз нигоҳи услуби воҳидҳои

забон ва муқоисаи онҳо бо воҳидҳои забони англисӣ ва, ҳамчунин, омӯзиши нозукиҳои тарҷумаи воҳидҳои забонии дискур сисиёсӣ мусоидат хоҳанд кард.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби ӯ хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума бори аввал мавриди таҳқиқу баррасии махсус қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, замима ва 169 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Муқаддимаи кори таҳқиқотӣ бандҳои муҳими таҳқиқотро дар бар мегирад.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун дар давраи солҳои 2020-2023 мавриди баррасӣ қарор гирифта, натиҷаҳои он дар ҳаҷми 9 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳар як боби диссератсия фарогири зерфаслҳои мувофиқ ӣ буда, ҳар яке аз онҳо илман номгузорӣ карда шудаанд. Дар бобҳои диссертатсия масъалаҳои назариявии дискурс, хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ, воситаҳои тарҷумаи он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо мисолҳо мавриди таҳлилу таҳқиқи муқоисавӣ қарор гирифтаанд.

Кори таҳқиқотии диссертант аз ҷиҳати илмӣ хеле дақиқ ва пурмазмун таълиф гардидааст, вале ба ин нигоҳ накарда, дар автореферати мазкур чанде норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Агар дар автореферат муаллиф мисолҳоро бештар меовард, кор боз ранги дигар мегирифт.
2. Дар автореферат хатогиҳрои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд тазаккур дод, ки автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» ба

талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои профессор Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳамидов Шохрух Бозорович

**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.